# ҚАРОРИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-O24**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 02.04.2025** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 таҳқиқоти диссертатсионии Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ – Комилова Хосият Ғуфроновна - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе; Бобозода Фаридун Толибҷон – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон», баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои таърих, профессорон – Мирзоев Н.М., Собирова Қ., Муродова Н. Латипов Ҷ.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим, инчунин оид ба интишороти ӯ,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 таҳқиқоти диссертатсионии Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31 ва 35 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

1. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

2. Ба Комилзода Насим Иброҳим дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дода шавад.

3. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Комилзода Насим Иброҳимро бо дипломи номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ сарфароз гардонад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 16 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**02 апрели соли 2025**